**«Тасдиқ мекунам»**
Директори Муассисаи давлатии
таълимии “Донишкадаи иқтисод ва
савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати
Тоҷикистон дар ш.Хуҷанд”
н.и.и., дотсент ____________ Ҳошимзода Х. Х.
«_27_» _октябри_ соли 2022

**Хулосаи**
**Шӯрои олимони факултети молия ва баҳисобгирии бухгалтерии ДИС ДДТТ ба рисолаи Саидова Ситора Назаровна дар мавзуи “Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо” (таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ) барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ)**

Таҳқиқоти диссертатсионии Саидова Ситора Назаровна дар мавзуи “Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо” (таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ) дар кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ муҳокима карда шуда, ба ҳимоя тавсия шудааст. (суратҷаласаи №10, 28.04.2022).

Дар марҳилаи таҳияи диссертатсия Саидова Ситора Назаровна унвонҷӯи кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ аз рӯи ихтисоси фалсафа, фарҳангшиносӣ ва сотсиология ба ҳайси омӯзгор фаъолият бурдааст.

Роҳбари илмӣ – доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи ҷомеашиносии ДИС ДДТТ Солиҷонов Расулҷон.

Дар натиҷаи муҳокимаи рисолаи илмии “Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо” (таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ) Шурои илмии факултети молия ва баҳисобгирии бухгалтерӣ **хулосаи зеринро қабул намуд:**

Мавзуи таҳқиқотии Саидова Ситора Назаровна “Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо” яке аз мавзуҳои ҳамешагӣ ва мубрами илми фалсафа ҳам бошад, аммо муаммои мазкур дар даврони соҳибистиқлолӣ, хусусан дар зинаи пасонизоии ҷомеаи Тоҷикистон дар фалсафаи ватанӣ ба таври кофӣ таҳқиқнашуда маҳсуб меёбад. Тахассус, мавзуъ ва мазмуни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба шаҳодатномаи ихтисосҳо мувофиқ буда, диссертатсия ба ихтисоси мавзуи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мувофиқат менамояд.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия дар доираи нақшаи дурнамои кори илмии кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ дар мавзуи “Ҷанбаҳои таърихӣ, фалсафӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии азнавсозии ҷомеаи муосири Тоҷикистон” иҷро гардидааст.

**Мубрамияти мавзуи таҳқиқотӣ.** Дар таърихи ташаккул ва рушду такомули тафаккури фалсафӣ муаммоҳои зиёде ҷой доранд, ки онҳо аз ибтидои тамаддун арзи вуҷуд дошта, то ба имрӯз мубрамияти худро гум накардаанд. Муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ аз ҷумлаи ин мавзуҳост, зеро мисли он, ки дар зинаҳои хеле поёнии инкишофи ҷомеа одамон дар сатҳи ҷаҳонбинии асотириву динӣ тағйирёбиҳоро эҳсос менамуданд, вале сабаби онҳоро муайян карда наметавонистанд, имрӯз ҳам дар бораи манбаи ҳаракатдиҳандаи таҳаввулоту тараққиёти олам баҳсу мунозираҳо идома доранд. Зиёда аз ин, дар шароити ҷаҳонишавӣ ва вусъати рақобати байни давлатҳо ва ҷомеаҳо баҳри манфиатҳои геостратегӣ ва геосиёсии худ, аз нав тақсим намудани ҷаҳон ва авҷгирии “ҷангҳои иттилоотӣ” баҳри ғасби ақлу ҳуши инсон моҳияту зуҳурот, сабабу натиҷа ва воқеияту имконияти зуҳури зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ тағйир ёфта, бо хислату паҳлуҳои нави то ба ҳол омӯхта нашуда ба назар намоён мегардад. Маҳз ҳамин ҳолат яке аз омилҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионии СаидоваСитора Назаровнаро тақозо менамояд.

Таҳқиқи зиддият ва низои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир дар назария ва амалияи ҳаёти ҷамъиятӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳам барои илмҳои фалсафа ва ҳам барои амалияи ҷомеасозии муосир, ки тағйиротҳои куллии иҷтимоиро аз сар мегузаронад, хеле муҳим мебошад.

Зарурати таҳқиқи мавзуи мазкур дар доираи имкониятҳои методологии фалсафаи иҷтимоӣ инчунин бо он алоқаманд карда мешавад, ки рушди муназзам ва устувори ҷомеаи муосири Тоҷикистон аз омӯзиш ва таҳлили сабабу оқибатҳои шиддатёбии зиддият ва низои иҷтимоӣ дар ибтидои солҳои соҳибистиқлолӣ дар шакли ҷанги шаҳрвандӣ ва бардошти сабақҳо аз он ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ вобаста мебошад.

Дар диссертатсияи Саидова С.Н. бо истифода аз имкониятҳои категорияҳои фалсафаи иҷтимоӣ ба монанди “ваҳдати миллӣ”, “мусолиҳаи миллӣ” оғозу анҷоми зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Чунин таҳлил ба унвонҷӯ имконият додааст муайян ва аз лиҳози назариявию методологӣ муайян намояд, ки тоҷикон ҳамчун миллати сулҳпарвару таҳаммулпазир тавонистанд дар як давраи нисбатан кӯтоҳ усули ҷадиди пешгирӣ намудани онҳоро дарёфт намуда, ҷомеаи тоҷикро ба пайроҳаи рушди муназзам ва устувор, бунёдкориву созандагӣ бароранд.

Ҳамзамон дар диссертатсия таъкид карда мешавад, ки зикри ин андеша маънои онро надорад, ки акнун ҷомеаи мо аз зиддияту низоъҳо халос шудаву, мо ҷомеаи безиддияту бенизоъ сохтаем. Ба андешаи унвонҷӯ, ҳаргиз чунин нест, зеро дар назарияҳои муосири илмҳои иҷтимоӣ эътироф гаштааст, ки зиддияту низоъ ҳамеша пайгири ҷомеаҳо буда, онҳо ҳамеша манбаи ҳаргуна тағйирёбию инкишоф ва пешрафти он маҳсуб меёбанд. Аз ин ҷиҳат, муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҳар як зинаи рушд ба худ вижагиҳое касб менамояд, ки пажуҳиши онҳо роҳ, тарз ва муносибати хосаро талаб менамояд. Таҷрибаи таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳад, ки дар доираи фаҳмиши қолабӣ бо истифодаи мафҳум ва категорияҳои анъанавӣ моҳият ва зуҳурот, сабаб ва оқибатҳои ин ҷараёнро вобаста ба ҳаёти имрӯзаи

Тоҷикистон муайян намудан ғайри имкон аст. Аз ин лиҳоз, илми ҷомеашиносии муосир бояд аз доираи дарки пешинаи ин муаммо берун ҷаста, парадигмаҳои наверо дарёфт намояд, ки онҳо имконияти таҳқиқи сабабу оқибат ва ҳамчунин роҳу усулҳои муассири ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоиро фароҳам орад.

Вобаста ба ин, таҳлили вокеаҳои фоҷиабори солҳои 90-уми асри гузаштаи таърихи миллати мо, идома ёфтани падидаи экстремизм ва терроризм дар зинаи пасонизой, густариши раванди радикализатсияи мафкуравӣ ва окибатҳои эҳтимолии харобиовари ин падидаҳои номатлуб такозо менамояд, ки онҳо бо истифодаи парадигмаҳои нави илмӣ мавриди таҳлилу баррасӣ қарор дода шаванд.

Таҳқиқи мӯшикофонаи ҷанбаҳои онтологӣ, гносеологӣ ва иҷтимоии зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар масири ҳаёти муосири ҷомеаи Тоҷикистон имконияти пешгирӣ намудан ва ҷилавгириро аз равандҳои номатлуби тараққиёт, ки ҷомеаро сӯи "ҷароҳатҳои ичтимоӣ", ҳодисаҳои харобиовар, низоъҳо ва тақобули ичтимоӣ мебарад, шароит фароҳам меоварад. Аз ин лиҳоз, пажуҳиши роҳҳо ва усулҳои пешгирӣ ва ҳалли зиддият ва низоъҳо яке аз масъалаҳои муҳим ва ҳалталаби назария ва амалияи муосир маҳсуб меёбад.

Дар ин росто, мавриди зикр аст, ки дар раванди ҳалли зиддият ва низоъҳои ичтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон таҷрибаи нодир ва бесобиқа ташаккул ёфт, ки имрӯз дар афкори илмию иҷтимоӣ ҳамчун **модели тоҷикии** ҳалли зиддият ва низоъҳо муаррифӣ мегардад. Яке аз хусусияти хоси ин модел аз он иборат аст, ки он ба ҳалли зиддият ва низои ба зинаи муқовимати мусаллаҳонаи тарафҳои муқобал расида нигаронида шуда, воқеан ҳам дар замони муосир бесобиқа мебошад. Аз ин рӯ, модели дар асоси таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон эҷод гашта, бояд объекти омӯзиш ва таҳлили фарогири муҳаққиқони низоъшиносӣ, олимони соҳаи илми фалсафаи иҷтимоӣ ва сиёсатшиносӣ қарор дода шавад.

Таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон ва дар ин замина арзи вуҷуд намудани **модели тоҷикии** ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ аз лиҳози назариявӣ ва методологӣ ба таври кифоя баррасӣ нагаштааст. Модели мазкур яке аз дастовардҳои муҳими миллати тоҷик бо сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар раванди сулҳи тоҷикон буда, ҳамчун як мактаби миллӣ ташаккул ёфт ва онро мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода, ба ҷаҳониён муаррифӣ намудан аз вазифаҳои муҳими илмҳои ҷомеашиносӣ маҳсуб меёбад.

**Дараҷаи навгонии натиҷаҳои дар диссертатсия бадастомада ва нуктаҳои илмие, ки барои ҳимоя пешниҳод мешаванд.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз назари гузориши масъалаи баррасишаванда, мавзуи интихобшуда, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масъалаҳои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ маҳсуб мегардад.

Дар таҳқиқоти диссертатсионии мазкур навгонии илмӣ ҳам аз тарзи гузоштани проблема ва ҳам аз роҳи ҳалли он таркиб ёфтааст, зеро дар илми

ватании фалсафӣ корҳое, ки дар он таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон ҷамъбаст ва натиҷабадорӣ гашта бошанд, ангуштшуморанд. Навгониҳои кори диссертатсионӣ ба таври зерин мушаххас карда шудаанд:

- таҷрибаи нодири Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи пасошӯравӣ омӯхта шуда, аз он хулосаҳои назариявӣ ва методологӣ бардошта шудааст, ки онҳо барои пешгирӣ ва ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаҳои муосир аҳамияти прагматикиро доро мебошанд.

- назария ва методологияи таҳқиқи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ мавриди бознигарӣ қарор дода шуда, ҷойгоҳи чунин парадигмаҳо ба мисли *фалсафаи конвенсиализм, конструктивизми иҷтимоӣ, принсипҳои парадигмаи синергетика ва диалектика ҳамчун таълимот дар бораи робитаҳои куллӣ ва инкишоф* дар ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ муайян карда шудааст;

- дар раванди таҳлили заминаҳои методологии мавзӯи таҳқиқшаванда, тағйирёбии мазмун ва шакли зуҳури мафҳумҳои "зиддияти иҷтимоӣ" ва "низои иҷтимоӣ" мушаххас гардонида шудааст;

- дар ин робита, вижагиҳои робитаи тарафайни мутақобилаҳо дар зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон омӯхта ва мушаххас гардонида шуда, чунин падидаҳо ба мисли ваҳдати миллӣ ва фарҳанги таҳаммулпазирӣ ҳамчун василаҳои ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ ва устувор гардонии сулҳу суботи ҷомеа муқаррар гардидааст;

- дар ин радиф, дар шароити ҷаҳонишавӣ, вусъати бемайлони технологияҳои иттилоотӣ - коммуникатсионӣ ва дар ин замина арзи вуҷуд намудани шаклҳои нави зуҳурёбии зиддияту низоъҳои иҷтимоӣ – "ҷангҳои иттилоотӣ" ва таҳдиду хатарҳои онҳо ба рушди муназзами ҷомеаи муосири Тоҷикистон муайян гардидааст;

- дар заминаи таҷрибаи нодири ҷомеаи пасонизоии Тоҷикистон нақши субъектҳои сиёсӣ (Пешвои сиёсӣ) дар ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ мавриди таҳлилу баррасӣ ва натиҷабардорӣ қарор дода шудааст;

- бо истифодаи қонун ва категорияҳои фалсафаи иҷтимоӣ ҷанбаҳои прагматикии зиддият ва низои иҷтимоӣ, яъне сабабҳо ва оқибатҳои зиддият ва низоъҳои иҷтимоии дар мисоли ҷанги шаҳрвандии таҳмилӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор дода шуда, аз он натиҷабардориҳо карда шудааст;

- фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамчун воситаи муҳими ҷилавгирӣ аз зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ мавриди таҳлили иҷтимоӣ - фалсафӣ қарор дода шудааст.

- дар заминаи таҷрибаи нодир ва беназирӣ сулҳофарини тоҷикон ташаккули **"модел ва технологияи тоҷикӣ"**-и ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ омӯхта шуда, аҳамияти он на фақат дар фарогир гаштани тасаввурот дар бораи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ, балки амалияи ҷомеасозии муосир муайян карда шудааст;

- муайян карда шудааст, ки дар ҷомеаҳои муосир нақши омилҳои маънавӣ, ба мисли худшиносию худогоҳии миллӣ, ватанпарастӣ,

миллатдўстӣ ва зиракии сиёсӣ дар пешгирӣ намудани зиддият ва низоъҳои ичтимоӣ афзалият пайдо намудааст.

**Мақсади асосии кор** омўзиши ҳамаҷонибаи илмии дар доираи равиши фалсафӣ-иҷтимоӣ бозингарӣ намудани назария ва методологияи муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ роҳ ва усулҳои ҳалли онҳо дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон мебошад. Дар ин масир, муаллиф ҳадаф гузоштааст, ки як қатор вазифаҳои мушаххасро муайян намояд, аз ҷумла:

> мавриди омўзиш қарор додани раванди таҳаввулоти ғояи зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар таърихи фалсафа;

> бозингарии ҷанбаҳои гносеологӣ ва методологии муаммои зиддият ва низоъҳои ичтимоӣ;

> шарҳу тавзеҳи умумият ва фарқияти мафҳумҳои "зиддияти иҷтимоӣ" ва "низои иҷтимоӣ";

> муайян намудани шаклҳои нави зуҳури зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ ва бунёди ҷомеаи иттилоотӣ;

> таҳқиқи ҷойгоҳи объект ва субъекти сиёсӣ дар ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ;

> ошкор намудан ва мавриди таҳлили фалсафӣ-иҷтимоӣ қарор додани сабабҳо ва оқибатҳои вусъати зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи пасошўравии Тоҷикистон;

> баррасии фарҳанги таҳаммулпазирӣ ва ваҳдати миллӣ ҳамчун василаи пешгирии низоъҳои иҷтимоӣ ва устуворгардонии пояҳои соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон:

> мавриди омўзиш қарор додани модел ва технологияҳои ҷадиди ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар заминаи таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон.

Ба андешаи мо муаллиф кўшиш кардааст, ки ба ин проблемаҳои ҷойдоштаи фалсафӣ-иҷтимоӣ андешаҳои худро баён намояд ва аз ўҳдаи он бо сарбаландӣ баромадааст.

**Асоснокӣ ва муътамад будани хулоса ва тавсияҳое, ки дар диссертатсия зикр гардидаанд.** Диссертатсия кори анҷомёфтаи илмӣ-тахассусӣ буда, натиҷаҳои он барои рушди илми фалсафаи иҷтимоӣ мусоидат мекунанд. Ҷанбаҳои дигари мавзуи диссертатсия барои рушди илмҳои дигари соҳавии фалсафӣ аҳамияти муҳим доранд.

Таҳлили диссертатсия, ақидаҳо, нуқтаҳои илмӣ, хулосаҳо, мафҳумҳои илмӣ, проблемаҳои илмӣ, ки аз тарафи муаллиф пешкаш шудаанд, инчунин таҳлили танқидии ақидаҳои дар илм ҷойдошта, муайян намудани мавқеи мустақили хеш, асосноккунии нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳо бо истифода аз доираи кофии маводи илмӣ ва таҷрибаи амалӣ аз он дарак медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур мустақилона анҷом дода шудааст.

**Аҳамияти илмӣ ва амалии натиҷаҳои диссертатсия бо нишон додани тавсияҳо оид ба истифодаи онҳо.** Натиҷаҳои бадастовардаи муаллиф аз ҷиҳати назариявӣ ба рушди илми фалсафаи иҷтимоӣ мусоидат карда, мавод ва хулосаю натиҷаҳои бадастомадаи он дар рафти таҳлилу таҳқиқҳои минбаъдаи муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҳаёти

ҷомеаи муосири Тоҷикистон, барои анҷом додани таҳқиқотҳои минбаъда ҳамчун манбаи боэътимоди илмӣ мавриди истифода қарор дода шаванд. Илова бар ин, мавод ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳияи китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва курси лексияҳо барои донишҷӯён аз фанҳои фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиология, фарҳангшиносӣ ва арзишшиносӣ метавонанд истифода шаванд.

Хулосаҳои назариявӣ ва тавсияҳои амалии таҳқиқот метавонанд дар фаъолияти сохторҳои дахлдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ барои таҳкими сиёсати иҷтимоӣ ва корбаст намудани механизмҳои муқовимат бар зидди ҳаргуна ғояҳои деструктивии динӣ-экстремистӣ истифода шаванд.

Аз ҷониби Саидова С.Н. дар ҳалли масоили таҳқиқотӣ асарҳои фундаменталии муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ фаровон истифода карда шудааст. Унвонҷӯ дар натиҷаи омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ, адабиёти соҳавӣ ва баҳодиҳии ақидаҳои олимони гуногун нуктаҳои муаллифии худро пешниҳод намудааст, ки он хоси гузаронидани тадқиқоти илмӣ мебошад. Мазмуни диссертатсия шаҳодати кофӣ будани пуррагии баёни мазмун ва навгонии илмӣ доштани онро медиҳад. Муаллиф аз натиҷагириҳо хулосаҳои худро ифода намудааст, ки он барои рушди илми муосири фалсафаи иҷтимоӣ саҳми сазовор мегузорад.

Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона анҷом дода шуда, андешаҳо аз лиҳози мантиқӣ дуруст ва бо забони илмии тоҷикӣ ба таври равон баён гаштаанд. Натиҷа ва нуктаҳои илмии диссертатсия барои илми фалсафа навгонӣ буда, саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро дар илм нишон медиҳанд.

Бояд қайд намуд, ки дар диссертатсия умумият ва фарқияти равишҳои диалектикӣ ва синергетикӣ, ҷойгоҳи методологияи иҷтимоию фарҳангӣ ва муносибати системавӣ дар таҳқиқи муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ моҳирона нишон дода шудааст. Инчунин дар таҳқиқи мавзуи мазкур принсипҳои таърихият ва мантиқият, усулҳои таҳлили системавӣ-сохторӣ, моделсозии иҷтимоӣ ва усулҳои ояндабинӣ, равишҳои фарҳангӣ, сотсиологӣ ва тамаддунӣ истифода карда шудаанд.

Аз ин лиҳоз, таҳқиқоти диссертатсионии Саидова Ситора Назаровна ба масъалаи мубрами имрӯзаи илмӣ – муаммои зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо бахшида шудааст ва дар шароити вазъи номуташанниҷи ҷаҳони муосир мубрамиаш дучанд мегардад.

Автореферат ва маводи нашрнамудаи муаллиф ба талаботи тартиб додани дараҷаҳои илмӣ пурра мутобиқат дошта, хулосаи мушаххаси таҳқиқоти муаллиф оид ба мавзуи мазкур мебошанд. Муаллиф дар ҷараёни таҳқиқоти диссертатсионӣ ба муаллифон ва манбаи иқтибоси мавод ишора менамояд.

**Таълифоти натиҷаҳои диссертатсия.** Интишороти илмии Саидова Ситора Назаровна ба матни таҳқиқоти диссертатсионии тақризшаванда мувофиқ мебошанд. Муқарраpoти асосӣ ва хулосаҳои диссертатсия аз ҷониби унвонҷӯ дар конференсияҳои сатҳи гуногун маъруза шудаанд. Мухтавои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар маҷалаҳои ҷумҳуриявӣ ба нашр расонида шудаанд.

Мазмуну мухтавои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар интишороти зерини довталаби унвони илмӣ инъикос гардидаанд:

**I. Мақолаҳои илмие, ки дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон чоп шудаанд:**

[1-М] Саидова С.Н. Муаммои зиддият ва низоҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон. Вестник Таджикского Национального Университета. -Душанбе, 2021. - №3. С.143-152

[2-М] Саидова С.Н. Бозниҷарии баъзе ҷанбаҳои методологӣ ва гносеологии муаммои зиддият ва низоҳои иҷтимоӣ. -Душанбе, 2021.

[3-М] Саидова С.Н. Бунёдгузори модели нави ҳалли зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон.

**II. Мақолаҳое, ки дар маҷалаҳои дигар ба табъ расидаанд:**

[4-М] Саидова С.Н. Таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон ҳамчун воситаи ҳалли зиддият ва низоҳои иҷтимоӣ. “Тоҷнома”- суботи сиёсӣ-фарҳангӣ ва ваҳдати миллӣ. Муассисаи давлатии “Китобхонаи миллии Тоҷикистон”-и дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021. С. 285.

[5-М] Саидова С.Н. Таҳаммулпазирӣ ва ваҳдати миллии Тоҷикистон аз назари Мирзо Турсунзода. Шаҳбозы назми оламгир. - Хуҷанд, “Ношир”, 2021. -С. 80-88

[6-М] Саидова С.Н. Таҳамулпазирӣ ва ваҳдати зиддият ва низоҳои иҷтимоӣ. Маҷмӯи мақолаҳои апрелӣ ДИС ДДТТ, Хуҷанд, 2021.

[7-М] Саидова С.Н. Проблема противоречий и социальных конфликтов. Международный научный форум. Наука и инновации - современные концепции. –Москва, 2022.

[8-М] Ф.Турсунов, Д.Ҷонназарова, С.Саидова Фарҳангшиносӣ. Маҷмӯи маводи таълимӣ. –Душанбе, 2017.

[9-М] Саидова С.Н. Роҷеъ ба марҳилаҳои таҳаввули фарҳанги навини тоҷик. Ваҳдати миллӣ: зинаҳои рушди иҷтисод. Маҷмӯи мақолаҳои апрелӣ ДИС ДДТТ, Хуҷанд, 2021, қисми 2., с.299

[10-М] Дониёрова М.М., Саидова С.Н. К истории десятилетия действии “Вода для устойчивого развития” 2018-2028. Хуҷанд, 2018.

**Ба талаботи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ будани тартиб ва танзими**

**диссертатсия.** Аз омӯзиши матни пурраи диссертатсия хулоса намудан мумкин аст, ки таҳқиқоти довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ Саидова Ситора Назаровна пурра ба талаботи муқаррарнамудаи Комиссияи Олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа ҷавобгӯ мебошад, зеро онҳо натиҷаҳои мустақилона бадастовардаи муаллиф буда, барои рушди илми фалсафаи иҷтимоӣ ва соҳаҳои дигари фалсафа мусоидат мекунанд.

Дар умум таҳқиқоти диссертатсионии Саидова Ситора Назаровна ба талаботи бандҳои 31, 33, 35-уми Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудаст, мувофиқат менамояд. Зеро ҳангоми баррасии матни диссертатсия маълум гардид, ки ба талаботи муқarrаргардида пурра ҷавобгӯ аст. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, натиҷаҳои он барои рушди илми фалсафа аҳамияти муҳим доранд.

Ҳамзамон, онҳо метавонанд, ҳангоми таҳия ва татбиқи барнома, стратегия ва консепсияҳои давлатӣ истифода шаванд. Маводи диссертатсия ҳангоми тадриси фанни таълимии фалсафаи иҷтимоӣ, сотсиология, низоъшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва навиштани диссертатсияҳо ба таври васеъ мавриди истифода қарор гиранд, ки ҷанбаҳои мусбати корро нишон медиҳанд.

Ҳамин тариқ, Саидова Ситора Назаровна сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) мебошад.

Дар заминаи гузоришоти болозикр, Шурои олимони факултетаи молия ва баҳисобгирии бухгалтерии ДИС ДДТТ **қарор кард:**

1. Диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмии кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар мавзуи **“Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо” (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)** кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, ба талаботи муқаррааргардида пурра ҷавобгӯ ва барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) сазовор аст.

2. Диссертатсияи унвонҷӯи дараҷаи илмӣ Саидова Ситора Назаровна дар мавзуи **“Зиддият ва низоъҳои иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва роҳҳои ҳалли онҳо” (таҳлили иҷтимоӣ-фалсафӣ)** барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.11 – фалсафаи иҷтимоӣ (илмҳои фалсафӣ) барои дифоъ тавсия карда шавад.

Аз 17 нафар аъзои Шурои олимон дар Маҷлиси Шурои олимон 17 нафар иштирок дошт. Натиҷаи овоздиҳӣ: “тарафдор “17” нафар, “зид” нест, “бетараф” нест, суратҷаласа аз 22 октябри соли 2022, №2.

Раиси ҷаласа:
Раиси Шӯрои олимон, декани факултети молия ва баҳисобгирии бухгалтерии ДИС ДДТТ, н.и.и., дотсент: Ҳакимзода М. М.

Котиби ҷаласа:
Котиби илмии Шӯрои олимони факултети молия ва баҳисобгирии бухгалтерии ДИС ДДТТ н.и.и., дотсент: Мӯминова Н.Р.

Муқарризи №1
Доктори илмҳои фалсафа, профессори кафедраи фанҳои сиёсатшиносии ДДХ ба номи академик Б. Ғафуров : Пулотов А.Ҳ.

Имзои профессор Пулотовро А. Ҳ - ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳо: Наврӯзов Э.

Муқарризи №2
Мудири кафедраи ҷомеашиносии Донишкадаи иқтисод ва савдои ДДТТ, н.и.ф., дотсент: Ҷонназарова Д.Х.

Имзоҳои дотсент Ҷонназарова Д.Х - ро тасдиқ мекунам
Мудири шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси ДИС ДДТТ: Маҳмудов Ш.У.

«21» 10 соли 2022